Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва қонунгузории падидаи ишорашуда мебошад.

Таҷрибаи солҳои сипаришуда, ба хусус баъди ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ, эътирофи гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки падидаи ҳизбҳои сиёсӣ ба мукаммалгардонии куллӣ ниёз доранд. Зеро, дар ин давра, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ оид ба падидаи ҳизбҳои сиёсӣ анҷом дода нашудааст. Ҳамчунин, таҳқиқоти илмии мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, барои таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандони Тоҷикистон ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат кунад. Аз ин рӯ, аз нигоҳи назариявӣ, ҳуқуқӣ-конститутстионӣ ва қонунгузорӣ анҷом додани таҳқиқоти илмӣ оид ба институти ҳизбҳои сиёсӣ мубрамияти бештарро соҳиб гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки дар сатҳи Конститутсия эътироф гардидани принсипи гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ ва инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси принсипи мазкур, аз самаранокии ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки бо дигаргуншавии равандҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таъсири равандҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ зарурати ба таври фаъолона иштирок намудани ҳизбҳои сиёсӣ дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсӣ пеш меояд. Зеро, ҳизбҳои сиёсӣ низ дар боробари дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар ҳимоя ва ҳифзи арзишҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ ва таъмини асосҳои сохтори конститутсионӣ масъулияти хос дорад. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маҷлиси Шурои ҷамъиятии ҶТ 27 январи соли 2017 иброз доштанд: «…Ҷомеаи шаҳрвандӣ зодаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ мебошад ва дар навбати худ ҳар қадаре, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёбад, давлати демократӣ ҳам ба ҳамон андоза пеш меравад. Ҳоло дар мамлакат 7 ҳизби сиёсӣ ва қариб дуюним ҳазор созмони ҷамъиятӣ бо дархосту пешниҳодҳои созандаи худ таъсиргузор буда, онҳо дар доираи талаботи оинномавии худ ба хотири пешрафти соҳаҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат саъю талош мекунанд».

Ҳамин тавр, баҳодиҳии падидаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбинӣ намудани инкишофи минбаъдаи он бидуни ба роҳ мондани тадқиқоти эмпирикӣ ва таҳлили илмии натиҷаҳои он имконнопазир мебошад. Зеро, бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири равандҳои мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ, баинобатгирии таҷрибаи байналмилалӣ, мукаммал кардани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, зарурати такмили қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла, меъёрҳо вобаста ба таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ низ, ба

миён омадааст. Аз ҷиҳати дигар, такмили меъёрҳои қонунгузории конститутсионӣ вобаста ба падидаи ҳизбҳои сиёсӣ як қисми ислоҳоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили масъалаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ, мафҳум, моҳият, сохтор ва таркиб, принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ, назорати давлатӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шуда, дар он коркарди тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва пешниҳоди хулосаҳои илмӣ аз ҷониби муаллиф амалӣ гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда унвонҷӯ **вазифаҳои** зеринро дар назди худ гузоштааст:

- баррасии раванди пайдоиш ва ташаккули падидаи ҳизбҳои сиёсӣ ва асосноккунии он дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ;

- муайян намудани мафҳуми ҳизбҳои сиёсӣ ва мавқеи он дар низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

- муайян намудани махсусияти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ;

- таҳлили шакл, усул, принсипҳои ҳуқуқӣ, тарзи ташкилёбӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ;

- мавриди таҳлил қарор додани тартиби таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории ҶТ;

- муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон;

- зарурати асосноккунии назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсии ҶТ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии дар ҷараёни таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва робитаҳои ҳизбҳои сиёсӣ бо дигар падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравaнд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти диссертатсионӣ** маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалии мансуб ба мақоми ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсии ҶТ чун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ниҳоди ҷамъиятӣ ва падидаи мустақили илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ, инчунин танзими восита ва усулҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти он ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки ин диссертатсия дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ аввалин ва ягона кори илмӣ дар омӯзиши масоили марбут ба ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Дар кори диссертатсионӣ масъалаи ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва субъекти муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ амиқ таҳлил гардида, шарҳи муаллифии масоили мансуб ба мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми сиёсии кишвар ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқии онҳо асоснок ва пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, аввалин маротиба аз ҷониби муаллиф таҳлили чунин масъалаҳои муҳимме, чун мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодинашавии (институтсионализатсияи) ҳизбҳои сиёсӣ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии корҳои давлатӣ, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ ва робитаи ҳизбҳои сиёсӣ бо дигар субъектони муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ амалӣ шуда, барои такмили қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо дода мешавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** дар заминаи предмети таҳқиқот ташаккул ёфта, бо мазмуни умумиметодологии илми ҳуқуқи муосир муайян гардидааст. Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои

хусусии таҳқиқоти илмӣ истифода гардидаанд, ки онҳоро муаллиф чунин метавон шарҳ додааст:

**- усулҳои умумӣ.** Асоси назариявӣ-методологии таҳқиқотро усули диалектикӣ ташкил медиҳад, ки он имкони омӯзиш ва таҳлили масоили мадди назарро дар алоқамандӣ бо якдигар ва дар алоҳидагӣ фароҳам меорад. Дар асоси ин усул аз ҷониби муаллиф тавсияҳои арзишманд барои назария ва амалияи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии ҶТ коркард ва ба таври амиқ асоснок гардидаанд;

**- усулҳои умумиилмӣ.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз усулҳои эмпирикӣ ва мантиқӣ ба таври васеъ истифода гардида, дар ин замина донишҳои мукаммал оид ба раванди ташаккули мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва субъекти ҳуқуқи конститутсионӣ истифода гардидаанд;

**- усулҳои хусусии илмӣ.** Дар рафти таҳқиқот инчунин аз усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода гардид, ки онҳо дар навбати худ ба усулҳои синхронӣ ва диахронӣ тақсим мешаванд. Истифодаи усулҳои мазкур барои коркарди як қатор тавсияҳои илмӣ дар маҷмуъ барои такмили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ ва қисман санадҳои он замина фароҳам оварданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла олимони рус, ки дар самти ҳуқуқи конститутсионӣ ва сиёсатшиносӣ вобаста ба ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчунин дар таҳлили масъалаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, дар омӯзиши мақоми ҳуқуқии онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа саҳми бузург гузоштаанд, ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллифи рисолаи диссертатсионӣ аз корҳои илмии олимони зерин истифода намудааст: С.А. Авакян, А.С. Автономов, Ализода Зариф, С.Ю. Алимов, М.В. Баглай, Т.К. Байкова, Т.Б. Бекназар-Юзбашев, А.Л. Бураковский, С.В. Василева, Е.А. Волкова, А.Н. Волобуева, Б.С. Гадоев, Ю.С. Гамбаров,

В.Н. Даниленко, А.М. Диноршоҳ, М. Дюверже, А.Д. Ермаков, С.Е. Заславский, Ҷ.М. Зойир, Э.В. Зотов, З.М. Зотова, А.И. Имомов, Ш.Ҳ. Камолов, Л.М. Карапетян, В.В. Киреев, В.В. Лапаева, В.А. Лебедев, Е.Н. Маркова, К.Т. Мухторов, Э.С. Насриддинзода, Д.С. Раҳмон, И.И. Саидзода, Б.А. Сафарзода, А.В. Селивончик, С.В. Сологуб, К.В. Старостенко, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, К.Н. Холиқов, Х.Ҳ. Ҳамидов, М.С. Ҳайдарова, В.Е. Чиркин, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, Р.Ш. Шарофзода, Д.Х. Элназаров, Ю.А. Юдин ва дигарон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавод ва тавсияҳои муаллиф дар такмилу танзими ҳуқуқии мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳамчун падида ва субъекти ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои тадқиқот инчунин метавонанд, барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба меъёрҳои қонунгузорӣ, ки ба танзими масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба татбиқи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд, истифода шаванд.

Маводҳои рисоларо инчунин дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқӣ, аз қабили ҳуқуқи конститутсионии ҶТ, ҳуқуқи интихоботии ҶТ, инчунин ҳангоми гузаронидани курси махсус оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратии ҶТ истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, 2 боб ва 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф маводи назариявӣ ва амалии мавзуи кори пешниҳодшударо амиқ омухтааст. Дар натиҷа ӯ бори аввал тавонист: таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳизбҳои сиёсиро пайгирона мушоҳида намояд; мафҳумҳо, принсипҳо, сохти ин ҳизбҳоро асоснок намояд; хусусиятҳои асосӣ ва тамоюлҳои навро дар таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ошкор созад;

ҳуқуқу ухдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ чун субъектҳои низоми сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва падидаи амалигардонандаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро мушаххас намояд. Махсусан, таҳлили муаллиф оид ба иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди фаъолияти ҳокимияти иҷроия ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ, ҳамкории онҳо бо падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти калон дорад. Тавсияҳои муаллиф оид ба боз ҳам беҳтар намудани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ низ саҳми муҳим доранд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 –Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Гадоев Б.С.**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 917756320

**Имзои Гадоев Б.С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«30» 03 2022 с.**